# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «28» 03 соли 2025 № 119/шд ш. Душанбе**

*Дар бораи таъсиси*
*шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 14 банди 9, сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва бандҳои 15, 20 ва 21 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шурои диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D041600 – Санъатшиносӣ (6D041601 – Назария ва таърихи санъат), 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ), ҳамзамон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 17.00.00 – Санъатшиносӣ (17.00.09 – Назария ва таърихи санъат), 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.01 – Таълими мусиқӣ) дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таъсис дода шавад.

2. Ба шурои диссертатсионӣ ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D041600 – Санъатшиносӣ (6D041601 – Назария ва таърихи санъат), 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) вогузор карда шавад.

3. Ба шурои диссертатсионӣ ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 17.00.00 – Санъатшиносӣ (17.00.09 – Назария ва таърихи санъат), 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.01 – таълими мусиқӣ) вогузор карда шавад.

4. Ҳайати шурои диссертатсионӣ 11 нафар ҳисобида шавад.

5. Фаъолияти шурои диссертатсионӣ бо риояи қатъии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда шавад.

6. Рамзи шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-094 муайян карда шуда, муҳлати фаъолияти он 2 (ду) сол муқаррар карда шавад.

7. Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4

Раис — Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» 03 соли 2025, № 119/иу

**Рӯйхати**
**аъзои шурои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D041600 – Санъатшиносӣ (6D041601 – Назария ва таърихи санъат), 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ, (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)**

| № | Ном, насаб ва номи падар | Вазифа ва дараҷаи илмӣ бо нишон додани рамз ва номи ихтисос | Рамзи ихтисосҳои илмии шурои диссертатсионӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Улмасов Фирӯз Абдушукурович | раиси шуро, доктори илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D041601 – Назария ва таърихи санъат | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 2. | Ҳасанова Манзура Муҳиддиновна | муовини раиси шуро, доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ |
| 3. | Раҳимзода Кароматулло Самандар | котиби илмии шуро, номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D041601 – Назария ва таърихи санъат | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 4. | Арабова Шарофат Маматқуловна | узви шуро, номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D041601 – Назария ва таърихи санъат | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 5. | Муминова Ҳаётхон Аслоновна | узви шуро, номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ |
| 6. | Муминҷонов Зулфиддин | узви шуро, доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6D041601 – Назария ва таърихи санъат | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 7. | Назарова Зебониссо Эшонкуловна | узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ |
| 8. | Хайруллозода Баҳрулло Хайрулло | узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ |
| 9. | Ҳамидова Марфуа Азимовна | узви шуро, доктори илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D041601 – Назария ва таърихи санъат | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 10. | Эшонқулов Мурат Эгамкулович | узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D041600 – Санъатшиносӣ |
| 11. | Юлдашева Мавжуда Раҳматовна | узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ | 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ |